# Тақризи

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асророрвич дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

Истилоҳоти маъмурию ,коргузорӣ калонтарин шохаи истилоҳоти нави забони тоҷикиро ташкил медиҳад. Низоми идорӣ ва дастгоҳи давлатӣ имрӯз дар пояи баланд қарор дошта, сохтори он дар шакли замонавӣ ва мукаммал барпо гардидааст. Вобаста ба ин истилоҳоти маъмурию коргузорӣ низ дар ин мақомот нав гардид. Бо истифода аз таҷрибаи забон, бо кӯшиши мутахассисон як қатор истилоҳоти маъмурӣ ва коргузорӣ бо шаклу маънои нав мавриди истифода қарор гирифт. Аз ин рӯ, ба таври саҳеҳ муайян кардани қабатҳои луғавию маъноӣ ва морфологии истилоҳоти мазкур ва дар ин замина муқаррар намудани самтҳои назарӣ ва амалии ташаккули истилоҳоти маъмурию коргузорӣ яке аз масъалаҳои асосии рисолаи илмии Давлатов Ифтихор Асророрвич ба шумор меравад. Аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки хусусиятҳои луғавию сарфии истилоҳоти мазкур дар асоси баррасӣ ва таҳқиқи сарчашмаҳои муътамади илмӣ ва таҳлили маводи осори бадеӣ ва фарҳангҳо муайян карда мешавад. Ҳамзамон ифодашавии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ бо воситаҳои мухталифи забонӣ, манбаъҳои пайдоиши он, қолабҳои истилоҳсозӣ ва риояи меъёрҳои калимасозӣ дар он асолат ва мубрамияти пажуҳиши мазкурро тақвият додааст.

Муҳтавои диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асророрвич бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси илмии **10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.**

Аз ин лиҳоз таҳқиқоти мазкур дар баробари таълифоти як силсила мақолаву рисолаҳои муҳаққиқони соҳа дар як поя қарор гирифта, истилоҳоти маъмурию коргузорӣ ва нақши онро дар ташаккули истилоҳоти забони тоҷикӣ собит менамояд.

Аз таҳлил ва таҳқиқи адабиёти мутолиагардида ва тадқиқотҳои анҷомёфта метавон ба чунин натиҷа расид, ки доир ба масъалаи истилоҳоти

маъмурию коргузорӣ, алалхусус, вижагиҳои луғавию сарфии он ҳанӯз ҳам пажуҳиши комил ва қобили таваҷҷуҳ анҷом наёфтааст. Маҳз барои ҳамин муҳаққиқ масъалаи омӯзиши истилоҳоти маъмурию коргузориро дар забони тоҷикӣ бо таҳқиқи фарогиру амиқи монографӣ ҳадафи асосии таҳқиқ қарор дода, хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти мазкурро дар асоси маводи осори бадеӣ ва фарҳангномаҳо муайян месозад. Барои ба ҳадаф расидан кӯшиш намудааст, ки нахуст марҳилаҳои рушди истилоҳоти мавриди назарро бо баррасӣ ва таҳлили сарчашмаҳои муътамади илмӣ рӯйи кор орад, ҳамчунин таърихи қадима доштани ин шохаи истилоҳот ва шакл гирифтани соҳаи коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигориро бо фарогирии вожа ва истилоҳоти амиқу саҳеҳи маъмурию коргузорӣ собит созад.

Унвонҷӯ Давлатов Ифтихор Асрорович дар тадқиқоти мазкур навгониҳои мушаххасро дар раванди пажуҳиш пайгирӣ намуда, дар бораи нишонаҳои савтии истилоҳоти форсӣ, арабӣ, русию аврупоӣ изҳори назар намуда, дар давраҳои гуногуни таърихӣ бо тағйироти овозӣ дучор гардидани онҳоро қайд намудааст. Истилоҳоти мазкурро аз рӯйи нишонаҳои савтиашон гурӯҳбандӣ намуда, сабабҳои ивазшавии нишонаҳои савтии истилоҳоти маъмурии русию аврупоиро бо мисолҳои мушаххас таҳлил ва асоснок намудааст. Ҳамчунин, хусусиятҳои луғавии истилоҳоти мазкурро бо назардошти таърихи баромад ва дараҷаву мавқеи истифодаи он зарур дониста, аз рӯйи дараҷаи истеъмолашон гурӯҳбандӣ намудааст. Дар ин замина муродифшавии баъзе истилоҳоти маъмурию коргузориро қайд намуда, дар самти интихоб ва корбурди онҳо аз имкониятҳои луғавии забон бархурдор будан ва самаранок истифода кардани онҳоро пешниҳод менамояд.

Аҳаммият ва арзиши илмию назарии тадқиқоти Давлатов И. А. дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ» пеш аз ҳама дар он аст, ки натиҷаҳои илмии он метавонад ба сифати сарчашма дар таҳқиқи истилоҳоти забони тоҷикӣ, хусусан, дар муайян намудани вижагиҳои луғавӣ ва сарфии шохаи истилоҳоти маъмурию коргузорӣ аз ҷониби муҳаққиқони минбаъда ба кор бурда шавад.

Ҷанбаи татбиқ ва арзишу аҳаммияти амалии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои ба даст омада метавонад дар ҳамгунсозии истилоҳоти забони тоҷикӣ, бахусус, истилоҳоти маъмурию коргузорӣ ва истифодаи дурусту саҳеҳи он дар таҳияи ҳуҷҷатҳои расмӣ - коргузорӣ ба сифати як дастури илмӣ истифода шавад ва ҳамчунин, ба ҳайси як заминаи назарию амалӣ барои пажуҳишҳои минбаъда хизмат намояд. Хулосаҳои ба даст омада ва маводи дар рисола коркарду тадқиқшуда метавонад барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни лексияҳо дар самти шинохти истилоҳот ва нишонаҳои лингвистии он мавриди истифодаи васеъ қарор гирад.

Масъалаҳо ва хулосаҳои илмии дар диссертатсия барои ҳимоя пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошад. Ин нукта дар он дида мешавад, ки заминаҳо ва марҳилаҳои асосии рушди истилоҳоти маъмурию коргузорӣ пас аз соҳибистиқлолии кишвар ба вуҷуд омадаанд, аммо натиҷаи тадқиқот ба он овардааст, ки то ҳанӯз аз тарафи коршиносон дар мавриди истифодаи он низоми ягона муқаррар нагардидааст. Чи гунае ки дар сарчашмаҳои илмӣ дарҷ шудааст, хусусиятҳои махсуси истилоҳ зиёд буда, муҳимтарашон якмаъноии он мебошад. Вале ҳангоми истифода ва интихоби истилоҳот ин меъёр риоя намегардад. Нуктаи дигари муҳим дар он дида мешавад, ки таҳлил ва тадқиқи хусусиятҳои лингвистии истилоҳот барои саҳеҳӣ ва мушаххасии таркиби истилоҳот ва интихоби дурусти он имконият фароҳам меорад. Илова бар ин, сохту таркиби истилоҳ ва аз рӯйи меъёрҳои калимасозӣ сохтану рӯйи кор овардани истилоҳоти соҳаи коргузорӣ дар рисола ба таври дуруст нишон дода шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва фаслу зерфаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст ва андозаву мундариҷаи он ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй аст.

Довталаби дараҷаи илм доир ба мавзуи диссертатсия **13 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 6 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **мувофиқ мебошанд.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақим ифода шудани нуқтаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо таъйид мекунанд.

Ба ҳамин тартиб, диссертатсияи **Давлатов Ифтихор Асроровичро дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01– Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Абдураҳмонова М. А.**

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи
Н. Қарабоев 8, хонаи 41.
Телефон: (+992) 905- 14-41-55
E-mail: Abdurahmonova-m1962@mail.ru

«02» майи соли 2025.

**Имзои Абдураҳмонова Мастура Амиралиевнаро тасдиқ мекунам: сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э. Ш.**

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17,
Телефон: (+ 992- 37) 221- 62-25); факс: 227-15-10
E-mail: info@tnu.tj

«02» майи соли 2025.